**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). – Душанбе, 2023. – 194 с.**

Дар марҳилаи муосири инкишофи забон масъалаи низоми истилоҳотии забонҳои гуногунсохтор таваҷҷуҳи олимони забоншиносро бештар ҷалб менамояд. Таҳқиқи низоми истилоҳоти соҳаҳои гуногун имрӯз ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст, бинобар ин муайян кардани ҷараёни ташаккули ин гурӯҳи вожаҳо дар забонҳое, ки аз ҷиҳати сохтор мухталифанд, аҳаммияти назариву амалӣ дорад. Истилоҳоти ҳар як соҳа аз нигоҳи баромад, тарзи ташаккул умумият ва тафовут доранд, аз ин рӯ, ошкор намудани ин ҷанбаҳо имкон медиҳад, ки паҳлуҳои норавшани онҳо таҳқиқу баррасӣ гардад. Дар ин замина омӯзиши муқоисавии низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз нуқтаи назари илмӣ ниҳоят муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи Раҳматуллоев М.С. маҳз ба чунин як масъалаи муҳим – вижагиҳои сохторию маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст, ки метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Мавзуи таҳлили қиёсии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои англисию тоҷикӣ то ба имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ қарор нагирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик оид ба паҳлуҳои гуногуни низоми истилоҳоти соҳаҳои гуногун корҳои муайяни илмӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, дар бораи вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти ин соҳа таҳқиқоте сомон дода нашудааст.

Ба мавзуи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ миқдори зиёди таҳқиқоти донишмандони забоншиноси ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бахшида шудааст: О Вюстер [Wuster, 1974, 1979] Д. С. Лотте [1961, 1968, 1982, 1931] А. А. Реформатский [1961, 1967], Ҷ. Сейгер [Sager,1974, 1980, 1990], Ҷ. А. Фодор [Fodor, 1975], В. П. Даниленко [1971], 1977], Т. Л. А. Рей [Rey, 1979, 1995], Г. Рондо [Rondeau, 1980], Г. Фелбер [Felber, 184] Н. Шарофов [1960, 1988], А. Бухоризода [1961], М. Шакурӣ [1964, 1991, 1997], Я. И. Калонтаров [1971], Т.Л. Канделаки [1977], М. Байзоев [1992] М. Қосимова [2003, 2007], С. Назарзода [2003, 2004, 2013], Мирзо Ҳасани Султон [2008а, 2008б, 2011, 2015], С.Сулаймонов [1997], Ш.Каримов [2014], А. Мамадназаров [2015], С.Ҷоматов [2017] ва дигарон.

Муҳаққиқ барҳақ менигорад, ки бо вуҷуди дар забоншиносии ватанию хориҷӣ мавриди баррасии зиёд қарор гирифтани истилоҳоти соҳаҳои гуногун бахши журналистика аз нуқтаи назари типологӣ аз назарҳо каме дур мондааст. Ҳадафи асосии кори илми диссертатсионӣ бо роҳи таҳлили муқоисавӣ омӯхтани вижагиҳои вожасозӣ, сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти рӯзноманигории забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад. Дар асоси ин як қатор вазифаҳоро дар таҳқиқот гузоштааст, ки онҳо дар рисолаи мавриди тақриз комилан иҷро шудаанд.

Ҳаминро бояд гуфт, ки муҳаққиқ дар ҷараёни таҳияи диссертатсия ва таснифу коркарди маводи таҳқиқ **методҳои** зерини забоншиносиро истифода кардааст: методи индуктивӣ-дедуктивӣ (фаҳмиш ва бандубасти маводи назарӣ ва амалӣ); усули муқоисавӣ (муайян кардани омилҳои умумӣ ва мушаххас); усули таҳлили муқоисавию этимологӣ; методи таҳлили сохторӣ ва дар заминаи усулҳои мазкур маводи амалии гирдовардаашро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия тавсифи сохторӣ-вожасозӣ ва маъноии истилоҳҳои рӯзноманигории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал таҳқиқ мегардад. Муҳаққиқи ҷавон Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич ҳамчунин амсилаҳои истилоҳофарини истилоҳоти рӯзноманигориро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян намуда, тақиқоти комилеро анҷом расондааст. Гузашта аз ин, дар таҳқиқот бори нахуст этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳар ду забони муқоисашаванда ба тарзи аниқ ва мушаххас таҳлил карда шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия муайян кардааст, ки низоми мураттаби истилоҳҳои рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ бо нашри нахустин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» (1912) ба вуҷуд омад. Минбаъд ин раванд дар солҳои 20-уми садаи гузашта ривоҷ ёфта, дар замони Истиқлол пурра шакл гирифтааст. Ҳамчунин, ӯ дар ҷараёни таҳлил ба усулҳои сохта шудани истилоҳоти сохта дар забонҳои муқоисашаванда таваҷҷуҳ карда, муайян намудааст, ки онҳо, асосан, бо роҳи вандафзоӣ ташаккул меёбанд. Дар истилоҳҳои англисӣ inter-, re-, im; дар истилоҳҳои забони тоҷикӣ бе-, ҳам пешвандҳои серистеъмол мебошанд. Пасвандҳо дар вожасозӣ назар ба пешвандҳо сермаҳсултаранд. Дар истилоҳҳои англисӣ -ion, -ing, -ity, - ism, -or, -er; дар истилоҳҳои тоҷикӣ -ият, -а, -ӣ, -от, -иш пасвандҳои серистеъмол мебошанд.

Инчунин, дар раванди таҳқиқ ӯ ба хулоса меояд, ки аксари истилоҳоти мураккаб исмҳо мебошанд. Дар забони англисӣ амсилаи исмсози N + N, инчунин N + V+-ing ва N + V бартарӣ доранд. Намудҳои

сохтории маъмули истилоҳҳои мураккаби рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ N + V(азҳ)+-ӣ, N + N, N + V(азҳ), A + V(азҳ)+-ӣ, N + V(азҳ)+-анда мебошанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки бо таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ ва маъноӣ меъёрҳои асосии таснифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз рӯйи мансубияти сохторӣ, маъноӣ, соҳавӣ ва мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Усулҳои таҳлили сохтории қиёсӣ ва этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои дигар низ метавонад истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои муайян намудани қонунҳои умумӣ ва мушаххаси амалкард ва инкишофи низоми истилоҳоти рӯзноманигорӣ, аниқ кардани васила ва тарзҳои пурсамари истилоҳофаринӣ дар риштаи рӯзноманигорӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти амалии пажуҳиши** мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳамчун маъхаз ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти рӯзноманигорӣ истифода шуда метавонанд. Маводи таҳқиқ ҳамчун дастурамал барои кормандони ВАО ва дастури таълимӣ барои соҳаҳои забоншиносӣ ва журналистика дастрас мегардад. Маводи амалии ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои 10 таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума, ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавӣ, муҳим арзёбӣ мешавад. Натиҷаи илмии рисолаи мазкурро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, таҳияи маводҳои махсус барои васоити ахбори омма, навиштани корҳои илмӣ барои факултетҳои забоншиносӣ ва журналистика истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо доро мебошад, ки дар маҷмуъ 194 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи Низомномаи КОА таҳия гардида, бандҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариву методологӣ, методҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалии пажуҳиш, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар самти

истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои назариявии омӯзишу таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» унвон дошта, аз 3 фасл ва 8 зерфасл иборат аст. Дар ин қисмати рисола диссертант ба омӯзиши заминаи назариявии таҳқиқи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, мафҳуми «истилоҳ», «системаи истилоҳот», «истилоҳшиносӣ» ва «майдони истилоҳӣ» дар забоншиносӣ таваҷҷуҳ карда, мафҳуми «истилоҳ»-ро дар осори классикии форсу тоҷик, дар забоншиносии русу аврупоӣ ва забоншиносии тоҷик баррасӣ намудааст. Ҳамчунин масъалаҳои истилоҳшиносӣ, майдони истилоҳӣ, системаи истилоҳот, таърихи пайдоиш ва рушди истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ мавриди омӯзиш ва баррасии диссертант қарор гирифтаанд. Таҳқиқи пайдош, инкишоф ва таҳаввули истилоҳотро аз истилоҳоти одии матбуот то истилоҳоти васоити ахбори омма, ва тавсифи истилоҳоти рӯзноманигорӣ ҳангоми таҳқиқи фактҳои таърихӣ муҳақиқ аз маъхазҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ истифода бурда онро шарҳ додааст. Яъне пайдоиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Боби дуюм «**Таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвон дошта, 4 фаслу 10 зерфаслро фаро гирифтааст. Дар ин бахши рисола таваҷҷуҳи асосӣ ба роҳҳои асосии вожасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, истилоҳ-вожаҳо, ибора-истилоҳот, вижагиҳои сохтории истилоҳоти сода, роҳи сарфии ташаккули истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вандафзоӣ, вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони англисӣ, вижагиҳои сохтории истилоҳоти сохта дар забони тоҷикӣ, роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вижагиҳои сохтории истилоҳоти мураккаб дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, вижагиҳои сохтории ибора-истилоҳот дар забонҳои мавриди таҳқиқ, майдони семантикии истилоҳи рӯзноманигорӣ/journalism дар забонҳои таҳқиқшаванда равона гардидааст. Диссертант умумият ва фарқияти роҳҳои сохташавии истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳотро ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ возеҳ ва равшан бо мисолҳо шарҳ додааст, ки ин хеле муфид аст.

**«Таҳлили этимологии истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвони боби сеюми кор буда, аз 2 фаслу 14 зерфасл иборат аст. Дар қисмати мазкур ба масъалаҳои этимологияи истилоҳоти

рӯзноманигорӣ дар забони англисӣ, истилоҳоти рӯзноманигории аслӣ дар ин забон, истилоҳоти рӯзноманигории иқтибосӣ (аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, ҳоландӣ ва забонҳои дигар, ҳамчунин истилоҳоти иқтибосии мураккаб ва таркибии рӯзноманигорӣ аз забонҳои гуногун, этимологияи истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ, истилоҳоти аслӣ ва иқтибосии (арабӣ, русӣ, байналмилалӣ, забонҳои дигар) рӯзноманигорӣ дар забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ карда шудааст. Дар диссертатсия эрониасл, яъне забони тоҷикӣ будани ҷузъҳои маънодори истилоҳотро аз ҷиҳати этимологӣ бо таҳаввулоти таърихии онҳо аз забонҳои эронии бостон *(э.б),* авастоӣ (ав.), форсии бостон (*фб.),* форсии миёна (*фм*) то ба забони имрӯзаи тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Муҳаққиқ дар асоси мавод фаровони лексикӣ, ки аз матбуот, фарҳангу донишномаҳои соҳавӣ ва асарҳои коршиносони рӯзноманигорӣ гирд овардааст, таҳлили муфассали этимологии истилоҳоти рӯзноманигориро дар забонҳои муқоисашаванда анҷом додааст ва муайян намудааст, ки бахши бузурги истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар ин забонҳо аз вожаҳои иқтибосӣ ташаккул ёфтаанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххас натиҷагирӣ шудаанд, ки ин аз самараи кори муаллифи он дарак медиҳад.

**Хулосаҳои** рисола дар **21 банд** хеле мушаххас, равшан, возеҳ, асоснок ва боэътимод иброз ёфтаанд.

**Тавсияҳои** муаллифи диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 4 банд пешниҳод шудааст, ки барои тавсеаи бештари таҳқиқи истилоҳот мусоидат менамояд. Дар ин замина муҳаққиқ анҷоми корҳои муайянеро ба нақша гирифтааст, ки қобили қабуланд.

Рӯйхати адабиёт 194 мақолаю осори илмии тоҷикӣ, форсӣ, лотинӣ ва русиро дар бар гирифтааст. Ҳамчун сарчашма маводи амалии фарҳангҳои тафсирӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, русӣ-тоҷикӣ ва донишномаю луғатҳои тафсирии истилоҳоти рӯзноманигорӣ самаранок корбаст гардидааст.

Дар фишурдаи кор мазмуни мухтасари диссератсияро баён гардидааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) **мувофиқат** менамояд.

**Интишорот** аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 11 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои

илмию назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар шакли силсиламаърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

Мавод ва матолиби фишурдаи диссертатсияи мазкур метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба услуби ягон рисола ва ё кори тақиқотӣ, дар таърихи ташаккул ва таҳаввули забоншиносӣ, васоити ахбори омма, дар самти гуногуни рӯзноманигорӣ ҳамчунин таълиму тадриси омӯзиши истилоҳоти рӯзноманигорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар замони муосир ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барномаҳову дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода мегардад.

Диссертатсияи Раҳматуллоев Маҳмадулло Саидуллоевич дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» мавриди таҳлил ва омӯзиши амиқ қарор гарифтааст ва дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибосот, шарҳу тафсирот, пойварақҳо ва рӯйхати осори илмии истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи рисолаву фарҳангҳо ва вожаномаву қомусномаҳои илмию таҳқиқотӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда тақиқоти мазкур аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи мавзуи тақиқнамудаи диссертант Раҳматуллоев М.С. хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар раванди ҷамъоварии истилоҳоти рӯзноманигорӣ аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст, хуб мешуд, ки, агар як мафҳуми марбутаро муаллиф бо номҳои таърихиашон нишон медод.

2. Агар диссертант дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои таърихӣ ва қомусномаҳои дигар муаллифон ва забоншиносон назар меафканд, ба манфиати кор мешуд.

3. Дар рисола чандомади истилохоти журналистика дар ҳар ду забон бо рақамҳо хеле хуб оварда шудааст. Хуб мешуд, агар онҳо дар шакли диаграммаҳо пешниҳод мегардиданд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с. 24, 28, 44, 65, 84, 89 ва ғ.).

5. Агар муаллифи диссертатсия фарҳанги дузабонаи истилоҳоти журналистикаро таҳия менамуд, нуран ало нур мешуд.

Дар умум, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои рисола таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Фишурда аз нигоҳи мазмуну мундариҷа муҳтавои диссертатсияро комилан инъикос намудааст.

Диссертатсияи Раҳматуллоев М.С. дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти журналистика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисоланависӣ, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи
славянии Руссия ва Тоҷикистон Саъдиева Г.Ф.
Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 00222138
E-mail: guliston1973@mail/ru

Имзои Г.Ф Саъдиеваро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992 37) 221 35 50
E-mail: rtsu-1996@mail/ru

«24» 12 соли 2023